**Тақризи**

**муқаррizi расмӣ ба диссертатсияи Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич таҳти унвони «Хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълӣ дар забони адабии тоҷик (дар асоси маводи осори мансури асрҳои XV-XVI)» барои дарёфти дараҷаи доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ (Душанбе, 2021. -359 с.)**

Мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифтани ибора ба ҳайси воҳиди муҳим ва асосии наҳв дар забоншиносии тоҷик аз солҳои 60-уми садаи гузашта оғоз гардида, дар дарозои шаст соли охир доир ба паҳлуҳои гуногуни масъалаи фавқ пажӯҳишгарони зиёди тоҷик, мисли Ш. Ниёзӣ, Б. Ниёзмуҳаммадов, Н. Маъсумӣ, Р. Ғаффоров, Ш. Рустамов, М. Қосимова, С. Абдураҳимов, М. Акрамов, А. Мирзоев ва дигарон сахми назаррас гузоштаанд. Лозим ба таъкид аст, ки пажӯҳиши чунин муҳаққиқон бештар дар заминаи маводи осори аҳли адаби баъдиинқилобӣ сурат гирифта, баррасӣ гардидани ин масъала дар асоси маводи гаронбаҳои осори асримиёнагӣ кам ба мушоҳида мерасад. Аз ин ҷиҳат мавзӯи интихобнамудаи Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич мубрам ва муҳим маҳсуб гардида, муаллиф кӯшиш кардааст, ки манзараи комили васли аносири луғавӣ ва бунёди ибораҳои феълиро дар заминаи маводи осори мансури қарнҳои XV-XVӀ ба риштаи таҳлил кашад.

Рисола, тавре ки мутолиаи он нишон медиҳад, фарогири муқаддима, чаҳор боб, хулоса ва феҳристи осори таҳқиқист.

Дар муқаддима аҳамияти таҳқиқ, дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ баён гардида, мақсад ва вазифаҳои асосии диссертатсия мушаххас шудаанд. Ҳамзамон сарчашмаҳо, методологияи таҳқиқ, арзишҳои назариву амалӣ, навовариҳои илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда номбар шудаанд.

Боби якум «Таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва роҳҳои инкишофи ибораҳои феълии забони тоҷикӣ» ном дошта, аз чаҳор фасл иборат аст. Дар ин боб масоили назариявии ибораҳо дар забоншиносии умумӣ ва забоншиносии тоҷикӣ баррасӣ гардидаанд.

Унвонҷӯ таҳқиқу омӯзиши ибораро ҳамчун воҳиди номинативии забон аз пажӯҳишҳои олимони хориҷаи дуру наздик оғоз намуда (фаслҳои якуму дуюм), дар чунин фаслҳо кӯшиш ба харҷ додааст, ки масоили назариявии ибора, ба тарзи нав инкишоф дода шудани ин масъала аз ҷониби иддае аз аҳли пажӯҳиш, навъҳои луғавию грамматикии он, зоҳир шудани таваҷҷуҳи бештар ба таҳқиқи ибораҳои феълӣ дар солҳои охир, ба дифоъ расидани чанд рисолаи илмӣ дар атрофи вижагиҳои ибораҳои феълии забонҳои мухталифи ҷаҳон ва ғайраро мавриди арзёбӣ қарор дода, ақидаи ҳар кадоме аз иборашиносони хориҷаи дуру наздик, амсоли И. Люнгеруд, В. В.

Виноградов, Н. Н. Прокопович, Н. Ю. Шведова, Л. С Пейсиков, Ю. А. Рубинчик ва монанди инҳоро зикр намудааст ва бурду бохти эшонро перомуни масъалаи номбурда аз назари таҳлил гузаронидааст.

Муаллифи рисола баррасӣ гардидани масъалаи мавриди таҳлилро аз ҷониби забоншиносони тоҷик дар фасли сеюми боби аввал ба риштаи таҳлил кашида, нахустмуҳаққиқи ин воҳиди наҳвӣ маҳсуб гардидани Ш. Ниёзиро қайд мекунад ва баъдан идома ёфтани чунин навъи пажӯҳишро аз ҷониби иборашиносони тоҷик А. Халилов, С. Абдураҳимов, М. Н. Қосимова, М. Акрамов ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор дода, ба таври ҷиддӣ ба миён гузошта шудани омӯзиши ибораҳои феълиро аз тарафи А. Мирзоев таъкид менамояд.

Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки дар бархе аз чунин осори илмӣ масъалаҳои назариявии ибора сусту хира ба мушоҳида расида, дар онҳо маводи забони осори даврони классикӣ қариб ба чашм намерасанд. Ҳамчунин дар ин фасл унвонҷӯ масъалаи омӯхта шудани вижагиҳои иборотро дар заминаи маводи гӯишҳои тоҷикӣ, ҳангоми таҳқиқи забону услуби адибони алоҳида, дар осори таҳқиқии марбут ба маданияти сухан, таҳқиқоти ба масъалаи муқоисаи забонҳо алоқаманд дар алоҳидагӣ баррасӣ менамояд ва аз пажӯҳишҳои забоншиносоне, чун Р. Ғаффоров, Ғ. Ҷӯраев, Н. Маъсумӣ, М. Шукуров, Б. Камолиддинов, Р. А Самадова ва дигарон ёдовар мешавад.

Фасли охири боби нахустро унвонҷӯ ба баррасии ибораҳои феълии осори асримиёнагӣ бахшидааст. Муаллифи рисола дар оғоз вуҷуд надоштани тафовути ҷиддии ифодаи муносибатҳои наҳвиро байни осори асрҳои XV-XVI ва забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ишора намуда, баъдан дар аксар мавриди зикри ҷузъи асосии ибораҳои феълиро дар шаклҳои тасрифнашавандаи феълҳо қайд мекунад ва баъзан баъди ҷузъи асосӣ омадани ҳиссаи тобеъро дар насри ин даврон таъкид намуда, дар тақвияти андешааш шоҳидҳои мушаххасу бебаҳсро меорад. Дар ин фасл, ба назари мо, мулоҳизаронии унвонҷӯ дар хусуси воситаҳои алоқаи ҷузъҳои ибораҳои феълӣ, дар чунин мавридҳо ҳамдигарро иваз карда тавонистани бархе пешояндҳо (мисли аз, дар, бар, бо), доираи маҳдуд доштани ифодаи муносибатҳои маконӣ дар ибораҳои феълии аз исму феъл бо усули алоқаи ҳамроҳӣ ташаккулёфта, дар ҳолатҳои ҳамшафат ва фосилавӣ зикр гардидани ҳиссаҳои ин навъи ибораҳо таваҷҷуҳро ба худ мекашад.

Боби дуюми диссертатсия мавсум ба «Ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои аслӣ» фарогири панҷ фасл аст. Дар чунин фаслҳо муаллиф мақоми махсуси пешояндҳои аслии содаро дар ифодаи муносибатҳои наҳвии байни аносири луғавӣ ба риштаи таҳлил кашида, таърихи бостонӣ доштанашонро ба қайд меорад ва баъдан чунин пешояндҳоро аз лиҳози нақшашон дар барқарор

гардидани робитаи вожаҳо ба сермаънову серистифода (мисли ба) ва камистеъмол (монанди дар) дастабандӣ намуда, корбурди онҳоро дар ифодаи муносибатҳои мухталифи муайянкунандагиву пуркунандагӣ ва ҳолии дорои тобишҳои гуногуни маъноӣ арзёбӣ мекунад. Аз баррасии муаллифи рисола бармеояд, ки ин гуна пешояндҳо мувофиқи муносибатҳои ифодакунандаашон ба ду даста ҷудо мешаванд: а) онҳое, ки танҳо як муносибат (пуркунандагӣ ё ҳолӣ...); б) онҳое, ки ду ё беш аз он муносибатро ифода мекунанд. Маълум мешавад, ки пешояндҳои *ба, бо* ва *бар* дар ифодаи ду муносибат: пуркунандагӣ ва ҳолӣ истифода мешаванд, пешоянди *дар* танҳо дар ифодаи муносибати ҳолӣ, пешоянди *аз* фақат дар ифодаи муносибати пуркунандагӣ мавриди истифода қарор дорад.

Унвонҷӯ дар ҷараёни таҳлил як самти таваҷҷуҳашро ба тобишҳои маъноии чунин аносири ёвар равона намудааст. Чунончи, пешоянди *ба* дар ифодаи 6 навъи тобиши муносибати пуркунандагӣ (таъинот, ивази предмет, муносибат, восита, ҳамроҳӣ, қиёс) ва 8 тобиши муносибати ҳолӣ (самти ҳаракату амал, тарзу тариқ, ҳолат, сабаб, мақсад, замон, андоза...); пешоянди *дар* | *андар* дар ифодаи 5 навъи тобиши муносибати ҳолӣ (макон, замон, сабаб, мақсад, вазъият), пешоянди *аз* дар ифодаи 2 тобиши муносибати ҳолӣ (замон, сабаб) ва 7 тобиши муносибати пуркунандагӣ (сарчашмаи амалу ҳолат, муҳокима, маводи сохтани ашё, сабаб, ҷудоиву маҳдудӣ, восита), пешоянди *бар* 4 тобиши муносибати пуркунандагӣ (таъинот, равонгардии амал бар сатҳи чизе, сарчашмаи амал, бархӯрди ду ашё) ва 5 тобиши муносибати ҳолӣ (бар самте равонгардии амал, сӯй, боло, дар даври предмет, тарзи иҷрои амал) ва м. инҳо метавонанд ба кор раванд.

Муаллиф дар ин фикр аст, ки ҳарчанд вазифа ва мавқеи истифодаи пешояндҳои аслии сода дар насри асрҳои XV-XVI бо мавқеи дар забони ҳозираи тоҷикӣ доштаашон, асосан, мувофиқат мекунанд, вале бо баъзе хусусиятҳои грамматикӣ ва ифодаи муносибату тобишҳои маъноӣ тафовутҳои ҷиддӣ низ ба назар мерасанд.

Баъд аз таҳлилу баррасии маводи осори хаттии асрҳои XV-XVI муаллиф ба бардоште мерасад, ки дар сарчашмаҳои давраи мавриди омӯзиш ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои аслии *ба, аз, бар, дар / андар, барои* ва ғ. ба таври фаровон ташаккул ёфтаанд. Ҳамзамон ташаккули ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои ҷуфт, амсоли *аз...то, аз...то ба, аз...ба* ва пешояндҳои таркибии *то ба, ба ҷуз, ҷуз бар* ба мушоҳида расидааст.

Муаллифи рисола дар раванди баррасии масъала маводи осори мансури даврони мавриди таҳлилро ибтидо бо ду даврони гуногунсамт: пеш аз замони таълифи осори хаттии асрҳои XV-XVI ва замони баъдӣ қиёс намуда, ба ин восита хостааст, ки ҳар чӣ бештар умумияту тафовути забони қарнҳои XV-XVI-ро аз даврони қадиму ҷадид инъикос намояд. Аз дигар тараф, ӯ ба

андешаи нишон додани хоси забони назм ё наср будани вижагии корбурди чунин пешояндҳо маъхазҳои насрии ин давронро бо осори манзум муқоиса кардааст.

Аз таҳлили хусусиятҳои истифодаи ин гуна пешояндҳо унвонҷӯ ба хулосаи комилан дуруст омадааст, ки дар ифодаи муносибатҳо ва тобишҳои мухталифи маъноӣ омадани онҳо боиси бо ҳамдигар хусусияти муродифӣ гирифтанашон шудааст.

Боби сеюми рисола «Ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои номӣ ва пасоянд» унвон дошта, шомили се фасл ва чандин зерфасл аст.

Фасли аввали ин боб ба таҳлили ибораҳои феълие бахшида шудааст, ки дар ташаккули онҳо пешояндҳои номии изофӣ ва номии таркибӣ мавқеи хосса доранд ва онҳо дар суратгирии муносибатҳои мухталифи ҳолӣ ҳамчун унсурҳои серистеъмол ба кор мераванд. Бино ба маводи зикркардаи муаллиф, дар барқарор гардидани робита ва ташаккули ин навъи иборот дар осори хаттии асрҳои XV-XVI беш аз 223 пешоянди номии изофиву таркибӣ (якҷоя бо қаринаҳояшон) нақши муҳимеро бар уҳда доштаанд, ки иддае аз онҳо то ҳол ҳамчун унсури фаъол гардиш доранд (амсоли *ба сари, дар сари, аз сари...*) ва бархе дар давраи ҳозираи инкишофи забони адабии тоҷикӣ аз доираи истифода хориҷ шудаанд, ё басо кам ба кор мераванд (мисли *дар ҷавори, дар миқоруни, аз сабби...*).

Муаллифи рисола чунин аносири ёвари рабтдиҳандаро дар фасли дуюми ин боб идома дода, сервазифаю сермаъноии пасоянди “–ро”-ро дар ташаккули ибороти феълӣ, зуҳури муносибатҳои гуногунро тавассути он, ҷараёнгирии робитаи бештари феълро бо мафъули бевосита ва камии мафъули бавосита тавассути –ро, дар чунин мавридҳо дар ҳолати дистактӣ воқеъгардии ҷузъҳои ибора мавриди таҳлил қарор додааст. Ба назари мо, дар ин фасл қайдҳои муаллиф дар хусуси дар баъзе мавридҳо ҳамчун ҷузъи нидо омадани –ро, бо иддае аз пешояндҳо (монанди ба, барои, аз) хусусияти муродифӣ зоҳир намудани –ро диққатҷалбкунандаанд.

Мазмуну муҳтавои фасли сеюми боби мавриди таҳлилро арзёбӣ гардидани ибораҳои феълии алоқаи пешояндиву пасояндӣ дар бар мегирад. Муаллифи рисола дуруст таъкид менамояд, ки ин навъи алоқа дар қиёс бо дигар усулҳои робита ҳам дар осори ниёгон, ҳам дар давраи ҳозира ба нудрат ба кор рафта, доираи маҳдуди истифода доранд. Дар натиҷаи таҳлил ва қиёсу муқобала муаллифи рисола ба бардоште расидааст, ки дар осори мансури садаҳои XV-XVI ташаккули чунин робита асосан бо ёрии қолаби пешояндиву пасояндии *аз...боз* сурат гирифтааст.

Боби чоруми диссертатсия мавсум ба «Баррасии хусусиятҳои маъноии ибораҳои феълӣ» фарогири ду фасл буда, дар онҳо таснифоти маъноии феълҳо дар таркиби ибораҳои феълӣ таҳқиқ шудааст. Дар ҳар ду фасли боби

мазкур тавачҷуҳи диссертант ба таҳлили феълҳо, ки дар таркиби ибораҳои феълӣ ҳам ба маънои аслӣ ва ҳам ба маънои маҷозӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд, равона гардидааст.

Муаллиф дар фасли нахусти ин боб феълҳои марбут ба ҳаракат ва дар фасли дуюм афъоли ба ҳолат рабтдоштаро ба риштаи таҳлил кашида, аз қиёсу муқобалаи корбурди чунин феълҳо ба натиҷае расидааст, ки ҳар ду навъи ин гуна феълҳо дар доираи чунин иборот серистеъмол мебошанд.

Дар ҳар ду фасли ин боб мушоҳидаҳои унвонҷӯ дар хусуси шарти асосии муносибатҳои наҳвӣ ба шумор омадани маънои луғавии феълҳо, адами вуҷуди қоида ё меъёри муайяни ҷудонамоии гурӯҳҳои маъноӣ дар таснифоти маъноии онҳо, дар муқоиса бо кулли ҳиссаҳои нутқ фароҳиву муассирии онҳо дар забони осори насрии қарнҳои XV-XVI, мавқеи муҳимро доро будани маъноҳои луғавиву грамматикӣ дар байни ҷузъҳои ибороти феълӣ дар радифи муносиботи наҳвӣ, афзун ба маънои маъмулӣ дорои маонии ғайр будани онҳо, маъмул будани душаклии корбурди ин гуна иборот дар осори мансури асрҳои XV-XVI тавачҷуҳро ба худ мекашанд.

Дар хулосаи рисолаи мавриди тақриз муҳимтарин бардоштҳои муаллиф натиҷагирӣ шудаанд.

Ҳамин тавр, Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич тавонистааст, ки аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои дар наздаш гузошташуда бароянд: мақому мавқеи ибороти феълиро дар байни дигар навъи чунин воҳидҳои наҳвии осори мансури садаҳои XV-XVI бо зикри мушаххасоташ баррасӣ кардааст, қолабҳои маъмулу номаъмули онҳоро муайян намудааст, унсурҳои рабтдиҳанда ва вижагиҳои луғавию грамматикии байни аҷзои ибороти феълиро ошкор сохтааст, умумияту тафовути чунин воҳидҳои наҳвии даврони мавриди таҳлилро бо даврони қабл аз асрҳои XV-XVI ва баъди садаҳои тазаккурёфта инъикос кардааст, зуҳури муносибатҳои мухталифро дар ҷараёни истифодаи пешояндҳо ва пасоянди "–ро"-ро бо овардани далелҳои эътимодбахш арзёбӣ намудааст.

Муаллифи рисола дар ҷараёни баррасии масъала назари муҳаққиқони алоҳидаро зикр намуда, бо онҳо ба баҳс ворид шудааст ва дурустии андешаи худро бо зикри далелҳо ба субут расонидааст.

Як муҳассаноти рисола, ба пиндори мо, дар ҳисоби омории корбурди ин гуна аносири ёвар дар ифодаи муносибатҳо дида мешавад. Чунончи, ӯ роҷеъ ба ифодагардии муносибатҳои наҳвии мафъулии калимаҳо тавассути пасоянди *–ро* таваққуф намуда, овардааст, ки ин унсури ёвар дар ин вазифа 5504 маротиба ба кор рафтааст. Ҳамин тавр, корбурди пешоянди *ба* дар ифодаи муносибати пуркунандагӣ 970 дафъа, пешоянди *бад* 157, пешоянди *бар* 165 маротиба мавриди истифода қарор гирифтааст.

Ба тарики хулоса метавон афзуд, ки муаллиф дар роҳи таҳқиқи вижагиҳои грамматикиву маъноии ибораҳои феълии забони осори мансури асрҳои XV-XVI кӯшише судмандеро ба анҷом расонидааст, барои таълифи чунин рисола осори таҳқиқии фаровони марбут ба мавзӯъро мутолиа намуда, маводи сарчашмаҳои мухталифро ҳамчун далел мавриди истифода қарор додааст.

Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯ мазмуни рисоларо пурра ифода менамоянд.

Дар баробари мухассаноти тазаккурёфта дар диссертатсия ва автореферат бархе норасоиҳо ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо дар оянда ба манфиати кор буда, боиси болоравии ҳусни рисола хоҳад гардид:

1. Мухтавои фасли дувуми боби якум - «Таҳқиқи ибора дар забоншиносии рус» фаротар аз номи фасл аст.

2. Дар рисола дар мавриди зикри ному насаби муҳаққиқони хориҷиву ватанӣ низоми ягона риоя нагардидааст: насаби бархе аз муҳаққиқони рус, чун А. М. Пешковский дар диссертатсия (с. 12) ва автореферат (с. 11) ба таври такрор зикр шудааст, ному насаби иддае аз олимон дар баъзе мавридҳо пурра, дар бархе ҳолат ба гунаи ихтисор забт шудааст (с. 12..., 45, 245).

3. Муаллиф вакти баёни матлаб гоҳо ба иштибоҳи илмӣ роҳ додааст. Чунончи, ӯ *боз*ро дар як ҷо пешоянд, дар мавриди дигар пасоянд меҳисобад (авт., с. 37); дар баъзе маврид назарияи пешниҳодкардааш бо мисолҳои зикрёфта мувофиқат надоранд (дар як ҷумлаи тазаккурёфтаи с. 234-уми диссертатсия ва 37-уми автореферат вожаи *боз*ро дар феъли *бознаистам*, ки ба сифати пешванди феълӣ ба кор рафтааст, пешоянд ҳисобидааст, на пасоянд); *radi* (саҳеҳаш *rādiy*-Ҳ. А.)-ро муаллиф маънои қадимии *–ро* ба шумор овардааст (с. 229), дар ҳоле ки он шакли бостонии -ро аст.

4. Муаллиф дар аксар маврид дар истифодаи истилоҳоти илмӣ ягонагии номро риоя намекунад. Масалан, ӯ дар як маврид истилоҳҳои "забони адабии тоҷик", "забони адабии ҳозираи тоҷик" дар ҳолати дигар "забони адабии тоҷикӣ", "забони адабии ҳозираи тоҷикӣ"-ро истифода менамояд (дисс., с. 3, 4, 13, 15, 43, 92...; авт., с. 3, 4, 6, 8, 28, 36).

5. Дар рисола (с. 9, 13, 16, 44, 87, 107, 108, 109, 235, 237, 328, 333...) ва фишурдаи он (с. 8, 12, 13, 15, 17, 28, 39) ғалатҳои имлоӣ, китобат ва услубӣ дида мешавад.

Чунин иштибоҳҳо ҷузъӣ буда, ҳаргиз боиси пастгардии арзиши рисола шуда наметавонанд ва онҳо зудислоҳшавандаанд.
Сохтор ва мухтавои автореферат бо рисола мувофиқати комил дошта, он ва мақолаҳои банашррасонидаи муаллиф мазмуну мухтавои рисоларо пурра инъикос менамоянд.
Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич таҳти унвони «Хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълӣ дар забони адабии тоҷик (дар асоси маводи осори мансури асрҳои XV-XVI)" мутобиқ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди таълифи рисолаҳои докторӣ буда, муаллифи он сазовори соҳиб гардидан ба дараҷаи доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ аст.

**Муқарризи расмии сеюм**:
Доктори илмҳои филологӣ,
мудири кафедраи забони
тоҷикии Муассисаи давлатии
таълимии «Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик
Б.Ғафуров» профессор Ҳасанзода Абдуҷамол Ашраф

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Мавлонбеков-1,
Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Б.Ғафуров»
abdujamol58@mail.ru
тел.: (92) 824-25-61
*Имзои профессор Ҳасанзода Абдуҷамол Ашрафро тасдиқ мекунам.*

Сардори раёсати кадрҳои
Муассисаи давлатии
таълимии «Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи
академик Б.Ғафуров» З. Ашрапова